# ҚАРОРИ
## шурои диссертатсионии 6D.КОА-059 назди Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

аз «04» июни соли 2026 ш. Душанбе

Суханронии Абдуллозода Шодмон Абдулло дар мавзуи «Такмили усулҳои назорати сифати сементатсияи саргаҳи қабати намак» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 2.1. Геология, геодезия, гидрология, сохтмон, меъморӣ (2.1.8. Сохтмони гидротехникӣ), тақризи муассисаи пешбар - Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон, суханронии муқарризони расмӣ – доктори илмҳои техникӣ, дотсент, мудири кафедраи «Асосҳо, таҳкурсиҳо ва иншоотҳои зеризаминӣ»-и Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ Ҳасанзода Н.М., номзади илмҳои техникӣ, дотсент, ходими калони илмии озмоишгоҳи «Зилзилатобоварии биноҳо ва иншоотҳо»-и Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Рахманов А.А., муқарризони ғайрирасмӣ – доктори илмҳои техникӣ, дотсент Саидзода Ҷ.Ҳ., доктори илмҳои техникӣ Носиров Н., доктори илмҳои техникӣ, профессор Сафаров М.М. ва доктори илмҳои техникӣ Гулаҳмадзода А.А.-ро шунида, баррасӣ карда, шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия, дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи Абдуллозода Шодмон Абдулло

## ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Абдуллозода Шодмон Абдулло дар мавзуи «Такмили усулҳои назорати сифати сементатсияи саргаҳи қабати намак» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 2.1. Геология, геодезия, гидрология, сохтмон, меъморӣ (2.1.8. Сохтмони гидротехникӣ) ба талаботи бандҳои 31 ва 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;

2. Маводи илмии чопнамудаи довталаби дараҷаи илмӣ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд;

3. Ба Абдуллозода Шодмон Абдулло дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 2.1. Геология, геодезия, гидрология, сохтмон, меъморӣ (2.1.8. Сохтмони гидротехникӣ) дода шавад;

4. Барои додани дипломи номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 2.1. Геология, геодезия, гидрология, сохтмон, меъморӣ (2.1.8. Сохтмони гидротехникӣ) ба Абдуллозода Шодмон Абдулло аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро нисбат ба ин қарори шурои диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор – 11 нафар. Муқобил – нест. Бетараф – нест.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои техникӣ Гулаҳмадзода А.А.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои техникӣ Шаймурадов Ф.И.